# Меъёри бозтамвил 0,50 банди фоизӣ паст карда шуд.

Дар ҷаласаи навбатии Кумитаи сиёсати пулию қарзии Бонки миллии Тоҷикистон №46, аз 29 январи соли 2026 ҷиҳати 0,50 банди фоизӣ паст намудани меъёри бозтамвил ва дар сатҳи 7,00 фоизи солона муқаррар намудани он қарор қабул гардид. Қарори мазкур дар асоси маводи таҳлилии манзуршуда, аз ҷумла муътадилии бештари нархҳои дохилию ҷаҳонии молу маҳсулот, нисбатан устувор будани қурби пули миллӣ, дар ҳудуди поёнии ҳадафи муқаррааргардида қарор доштани сатҳи таваррум ва интизориҳои таваррумӣ қабул карда шуд.